# Дастурамал

## Доир ба тартиб додани шакли №1 (зимистон) «ҳисобот дар бораи тайёр намудани фонди манзил ва объектҳои хоҷагии коммуналӣ ба кор дар шароити зимистон»

1.Шакли ҳисоботии №1 (зимистон)-ро муассисаҳое, ки дар балансашон хонаҳои истиқоматӣ, объектҳои хоҷагии қувваи гармӣ доранд, пур мекунанд.

Маълумотҳо аз рӯи сутуни мувофиқи чорабиниҳо (супоришҳо) дар давраи тайёрӣ ба зимистонро мутобиқи чорабиниҳои тасдиқкардашуда тайёрӣ ба зимистон дар ҳамаи давраи тайёрӣ ба зимистон бо мӯҳлати амалкунандаи саршавии давраи гармидиҳӣ пур карда мешаванд.

2. Тартиби пур кардани шакли ҳисоботи оморӣ:

Аз рӯи сатри 01 маълумотҳо дар бораи ҳисоби дегҳои ихроҷкунандаи қувваи гармӣ ба хонаҳои истиқоматӣ, объектҳои таъиноти иҷтимоӣ-маданӣ ва маишӣ, ки дар онҳо таъмири асосӣ ва ҷории дегҳо гузаронида мешаванд, ивазкунии вайронаҳо ва ҷойгиркунии дегҳои иловагӣ (пуриқтидор), корҳо аз рӯи гузаронидани гармидиҳии дегӣ ба гармидиҳии газӣ, корҳо аз рӯи таъмиру огоҳкуниҳои нақшавӣ, санҷиш ва барқароркунии дегхонаҳо пур карда мешаванд.

2.2 Аз рӯи сатри 2 маълумотҳо оиди тайёрии хатҳои гармидиҳии кадоме, ки бояд корҳо аз рӯи таъмиру (ивазкунии) қубурҳои иҷрошуда, санҷишу барқароркунии шустушӯи гидропневматикӣ фушурдакунӣ ва дигар намудҳои таъмир ё корҳои профилактикӣ оварда мешаванд, дарҷ мегарданд.

2.3 Аз рӯи сатри 03 аз шумораи умумии хатҳои гармидиҳӣ, ки талабот ба тайёрӣ доранд, аз он ҷумла ивази хатҳои гармидиҳии кӯҳнашуданашон дода мешавад. Ба хатҳои гармидиҳии кӯҳнашуда, хатҳое, ки беҳад зиёд кӯҳна шудаанд дохиланд ва барқароркунии онҳо бе ивазкунии онҳо аз ҳолатҳои корӣ ва истифодаи ғайри садамавии онҳо ғайри имкон аст. Муайянкунии кӯҳнашавӣ дар ҳолати истифода бо роҳи гузаронидани санҷишҳои гидравликӣ ва ҳароратию кобишҳо гузаронида мешавад.

2.4 Аз рӯи сатри 04 маълумотҳо дар бораи шумораи хонаҳои истиқоматие, ки аз рӯи чорабиниҳо (супоришҳо) гузаронидани корҳои тайёрӣ ба нақша гирифта шудааст, оварда мешаванд.

2.5 Дар сатрҳои 05,06 шумораи хонаҳои истиқоматӣ, ки дар сатри 04 нишон дода шудааст, оварда мешавад.

2.6 Дар сатрҳои 07, 08 маълумотҳо дар бораи масоҳатҳои хонаҳои истиқоматӣ аз рӯи сатри 04 оварда мешаванд.

Барои тартибдиҳии ҳисобот асос шуда метавонанд: Чорабиниҳои тасдиқкардашуда оид ба тайёрӣ ба зимистон, бо санади комиссияи қабули объектҳо, шиносномаҳо барои объектҳои тайёр.